*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 150 (4733) | ДУШАНБЕ, 11 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|

## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАҶЛИСИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲХДТ

**8- уми декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе маҷлиси Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар кори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар кори маҷлис аъзои Раёсат ва Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Фраксияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, роҳбарони як қатор сохтору идораҳои дахлдор, кормандони масъули Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии ҲХДТ, роҳбарони кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, намояндагони воситаҳои ахбори оммаи ҳизбӣ ва аъзои фаъоли Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар маҷлис, мутобиқи рӯзномаи он, вазифаҳои ташкилотҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ гардонидани ташаббусҳои Пешвои миллат баҳри густариши эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии шаҳрвандон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Зимни суханронӣ Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намуданд: «Ҳалли вазифаҳои таъмини истиқлоли комили давлат, таҳкиму тавсеа бахшидани он имрӯз аз бисёр ҷиҳат ба эҳсоси ватандӯстии умумимиллӣ ва муттаҳидии тамоми қувваҳои ҷамъият вобаста аст. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки дар ҷамъомади муҳими ҳизбӣ ин масъалаҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем, зеро таҳлилу натиҷагирӣ аз корҳои иҷрогардида ва дарёфти самтҳои мушаххаси фаъолияти минбаъда имкон медиҳад, ки кори Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, бахусус дар шароити имрӯзаи кишвар, минтақа ва ҷаҳон, ба таври устувор ба роҳ монда шавад».

Зикр гардид, ки тӯли чанд соли охир хусусияти низоъҳои сиёсӣ комилан тағйир ёфта, дар ҷаҳон ангезаи силсилаи таҳдидҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техногенӣ ва табиӣ авҷ гирифта, мушкилоти глобалии афзоишёбии захираҳои аслиҳаи қатли ом, терроризми байналмилалӣ, низоъ ва хушунатҳои ба таври сунъӣ ташкилшуда, афзоиши нодорӣ ва бекорӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд, вайроншавии муҳити зист ва танқисӣ аз оби ошомиданӣ, ҳаракати теъдоди зиёди паноҳандагон, истеҳсол ва интиқоли маводи мухаддир ба таҳдиди фарогири ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.





Пешвои миллат изҳор доштанд, ки зарур аст, то ба ҳамаи ин рӯйдоду воқеаҳо баҳои муносиб ва воқеъбинонаи сиёсӣ дода, дар ин ҳолат аз манфиатҳои миллию давлатии худ, ҳимоя намоем.

Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, иброз доштанд, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии сокинони Тоҷикистон нақши муассир дошта, дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва худшиносию худогоҳии мардум саҳми сазовор мегузорад.

Боиси қаноатмандист, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ба як неруи тавонои сиёсӣ табдил ёфта, дар сафҳои он беш аз 540 ҳазор нафар аъзо дар 7 ҳазор ташкилоти ҳизбӣ муттаҳид гардидаанд.

Мардуми шарафманди кишвар ба ғояҳои созандаи ҲХДТ эътимоди қавӣ доранд, зеро он дар сафи пеши созандагию бунёдкорӣ ва ташаббускориҳо қарор дорад, ки барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагию ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум равона гардидааст. Вазифаҳои асосии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар марҳалаи нави рушди ҷомеа ва давлат дар барномаҳои пешазинтихоботии он ва қарорҳои анҷуманҳо, ки самтҳои муҳимтарини рушди мамлакатро то соли 2027 дар бар мегиранд, мушаххас гардидаанд.

Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид гардид, ки Кумитаи иҷроияи марказӣ ва тамоми сохторҳои ҳизбӣ фаъолиятро дар самтҳои густариш бахшидани худшиносию худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватандории мардум, баланд бардоштани маърифати сиёсию ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус наврасону ҷавонон, вусъат бахшанд. Гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба ҷашнҳои миллӣ, санаҳои таърихӣ ва бузургдошти чеҳраҳои барҷастаи халқамонро ба фаъолияти доимии ташкилотҳои ҳизбӣ табдил дода, арҷгузорию эҳтиром ба забони давлатӣ, риояи тозагӣ ва мусоидат ба рушди он, тарғиби донистани забонҳои дигар, махсусан забонҳои русӣ ва англисиро, ҷоннок намоянд.

Дар идомаи маҷлис аз ҷониби Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти сохторҳои ҳизбӣ барои давраи сипаришуда ва вазифаҳо барои оянда мушаххас гардиданд. Ба кумитаҳои иҷроияи ҳизб дастур дода шуд, ки вобаста ба масъалаҳои баррасишуда фаъолиятро бо истифодаи васеъ аз усулҳои иттилоотонӣ ва пешгирикунанда дар муқовимат бо хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба созмону ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ва эмин нигоҳ доштани онҳо аз таъсири омилҳои номатлуб вусъат дода, масъалаҳои марбут ба ҷавононро дар доираи фаъолияти ташкилоти ҷамъиятии «Созандагони Ватан» пайваста таҳкиму тавсеа бахшанд.

Ҳамзамон, ҳамаи ташкилотҳои ҳизбӣ вазифадор гардиданд, ки корҳои таблиғотию ташвиқотиро дар самти амалигардонии ҳадафҳои барномавии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон вусъат бахшида, дар татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» чораҳои зарурӣ андешанд.

Баъд аз суханронии Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аъзои Кумитаи иҷроияи марказии ҳизб Ҳусниябону Раҷабзода - раиси ноҳияи Мурғоб, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳим Мирзозода - раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, Номвар Қурбонов - муовини директори Институти масъалаҳои об, энергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Шукрона Тоҳирӣ - донишҷӯи курси 3-юми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, барандаи шоҳҷоизаи Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», Фаррух Ҳасанов - ғолиби Озмуни телевизионӣ миёни сарояндагон дар Федератсияи Россия, Сайдулло Абдулаҳадзода - муовини якуми раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҳизбии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун», Солеҳа Холмаҳмадзода - вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Зарина Идизода - раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт дар музокира баромад намуданд. Аз рӯйи масъалаи муҳокимагардида қарори маҷлис қабул карда шуд.

Дар ҷамъбасти кори маҷлиси Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол, ки мардуми ватандӯсти он бо қадамҳои устувор ва дилу нияти неку ояндадор ба сӯи пешрафту шукуфоӣ ҳаракат менамоянд, роҳбарону масъулини ҲХДТ-ро лозим аст, ки барои тавсеа ва тақвият бахшидани ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ ва амният, волоияти қонун, мубориза бемон бар зидди коррупсия ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, таъмини рушди устувори кишвар бо истифодаи васеъ аз дастовардҳои илмию технологии муосир тамоми қувва ва маҳорату истеъдоди аъзояшро сафарбар намояд.

**www.prezident.tj**

## САФАРИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БА ШАҲРИ ДУБАЙИ АМОРОТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ



**7-уми декабри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар шаҳри Дубайи Амороти Муттаҳидаи Араб дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим иштирок ва суханронӣ намуд.**

Дар кори конфронс намояндагони зиёда аз 140 мақомоти миллии парлумонӣ иштирок карданд.

Маҳмадтоир Зокирзода ба ҷониби мизбон барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати баргузории чорабинии сатҳи баланд изҳори миннатдорӣ намуда, таъкид кард, ки имрӯзҳо мушкилоти тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист аз мавзӯъҳои доғи ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, бидуни ҳамкорӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ ҳалли он ғайриимкон гардидааст. Бо мақсади паст кардани таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2030»- ро татбиқ менамояд.

Яке аз нишонаҳои возеҳи ҳамбастагии обу иқлим обшавии босуръати пиряхҳо мебошад. Тайи чанд даҳсолаи охир аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон, ки манбаи ташаккул ёфтани то 60 фоизи обҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, як ҳазораш пурра об шудааст.

15-уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо пуштибонӣ аз ташаббуси панҷуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об Қатънома дар бораи эълон кардани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро қабул карда, бо ташаббусҳои дигари Тоҷикистон дар соҳаи об Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид нуҳ қатънома қабул кардааст.

Маҳмадтоир Зокирзода, ҳамчунин, таъкид намуд, ки мо қарорҳои Созмони Милали Муттаҳидро дар раванди ҳалли мушкилоти тағйирёбии иқлим ва норасоии об бисёр муҳим ва самарабахш медонем, парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ташаббусҳои қонунгузорӣ маркази чорабиниҳои гуногун оид ба ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим мебошад.

- Дар тӯли фаъолияти худ парламенти кишвари мо вобаста ба ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим қонунҳои мукаммалро қабул намудааст.

Маҷмӯан, парламент ҳамарӯза фаъолияти худро баҳри иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист тавассути такмили қонунгузорӣ роҳандозӣ намудааст. Дар ин росто, Тоҷикистон бо риояи меъёрҳо ва ҳадафҳои рушди устувор пайваста барои такмили қонунҳои соҳаи экологӣ тадбирҳо меандешад.

- Ҳоло лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» дар парлумон омода гардида, вобаста ба таҳияи лоиҳаи Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳо оғоз гардидаанд. Итминон дорам, санади ниҳоие, ки дар натиҷаи чорабинӣ қабул мегардад, ба ташаккули механизми ҳамкориҳо дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ мусоидат хоҳад кард, - иброз намуд дар интиҳо Маҳмадтоир Зокирзода.



**8-уми декабри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Дубайи Амороти Муттаҳидаи Араб бо Раиси Шӯрои миллии федералии Амороти Муттаҳидаи Араб Сақр Ғобаш мулоқот намуд.**

Таъкид гардид, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои пурмаҳсулу судманд бо кишвари бародари Амороти Муттаҳидаи Араб таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд, зеро робитаҳои парлумонӣ дар фароҳам овардани заминаҳои қонунӣ барои тавсеаи равобити ҳар ду кишвар дар ҳавзаҳои мухталиф нақши муҳим доранд.

Парлумонҳо метавонанд аз тариқи имзои созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ ба тавсеаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Араб нақши муассир гузоранд. Яке аз абзорҳои муҳими таҳкими ҳамкориҳои парлумонӣ таъсиси гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ аст, ки моҳиятан пули дӯстию ҳамкорӣ миёни ҳар ду маҷлис ва ба таври умум миёни ҳар ду миллат маҳсуб мешаванд.

Дар парлумони касбии мамлакат Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шӯрои миллии федералии Амороти Муттаҳидаи Араб таъсис дода шудааст.

25 феврали соли 2021 нахустин машваратҳои байнипарлумонӣ дар шакли маҷозӣ миёни аъзои Гурӯҳи дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Араб баргузор гардид.

- Мо, - гуфт Маҳмадтоир Зокирзода, - хостори идомаи муколамаи созанда ва пайвастаи парлумонӣ миёни ҳар ду кишвари бародар ҳастем ва табодули сафарҳои дуҷониба дар сатҳи роҳбарият ва вохӯриҳои ҳайатҳои парлумонии ҳар ду кишварро ҷонибдорӣ менамоем.

Дар мулоқот, ҳамчунин, ҷонибҳо устувории худро ба густариши бештари равобити парлумонӣ таъкид намуданд.



**8-уми декабри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар доираи сафари кориаш ба шаҳри Дубайи Амороти Муттаҳидаи Араб бо Раиси Шӯрои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳи Амороти Муттаҳидаи Араб Аҳмад ибни Муҳаммад Ал-Ҷарван мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид шуд, ки дипломатияи парлумонӣ дар баробари дипломатияи анъанавӣ дар таҳким ва тавсеаи робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Араб дар соҳаҳои гуногун нақши муассир дорад. Роҳандозии ҳамкории байнипарлумонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Араб ва созмонҳои гуногуни он борҳо дар вохӯриҳои сатҳи олӣ байни роҳбарони олии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб муҳокима гардида буданд.

Ҳамкорӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои ҷаҳонии таҳаммулгароӣ ва сулҳ дар Амороти Муттаҳидаи Араб дар таҳким ва рушди минбаъдаи робитаҳои дуҷониба такони ҷиддӣ бахшида, чунин ҳамкориҳо яке аз абзорҳои ҳамкории нав маҳсуб мегарданд.

Ҷиҳати таҳкими заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳо байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои ҷаҳонии таҳаммулгароӣ ва сулҳ дар Амороти Муттаҳидаи Араб Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд, ки ин санади муҳим барои тавсеаи ҳамкориҳои тарафайн имкониятҳои фаровонро боз менамояд.

Дар интиҳои мулоқот таъкид гардид, ки муносибатҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Араб дар сатҳи боварибахш рушд карда истодааст.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**11-уми декабри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъди шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**Абдухолиқ МИРЗОЕВ,**
**«Садои мардум»**

Муҳокимаи парлумонӣ





# ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ

## ЧАРО ДАР МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ БА ОН КАМТАВАҶҶУҲАНД?

**7-уми декабри соли равон бо ташаббуси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокимаи парлумонӣ баргузор шуд. Дар кори он иҷрои «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025» мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Зикр гардид, ки дар натиҷаи пурра амалӣ гаштани «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025» масъалаи ҳифзу истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ ба низоми ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ ворид гардид. Имкон шуд, ки қисми азбайнрафтаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ тармиму барқарор ва барои наслҳои оянда дар шакли аслии таърихии худ пешниҳод шаванд. Омӯзиши илмии ёдгориҳо ҳамчун маҳсули санъату ҳунари волои ниёгон ва истифодаи он дар замони муосир барои дарки таъриху фарҳанг ва посдории анъанаҳои гузаштагон заминаҳои мусоид фароҳам меорад.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифзи ёдгориҳои таърихиро муҳим арзёбӣ намуда, аз ҷумла, гуфт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омӯзиш ва муаррифии таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик дар сатҳи дохилӣ ва арсаи байналмилалӣ кори зиёдро ба анҷом расонида истодааст. Қабули «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025» аз ҷумлаи ин тадбирҳо мебошад.

- Аз ҷониби ЮНЕСКО пазируфтани 5500-солагии Саразми бостонӣ ҳамчун яке аз ёдгориҳои нодири Осиёи Марказӣ ва ба рӯйхати объектҳои нодири Шоҳроҳи бузурги абрешим ворид гардидани Панҷакенти қадим, Бунҷикати қадим, Ҳисор, дайри буддоии Аҷинатеппа, мадрасаи Хоҷа Машҳад, шаҳраки Тахти Сангин, Ҳулбук, қалъаи Ямчун аз таърихи куҳанбунёд ва тамаддунсози тоҷикон шаҳодат медиҳад, - афзуд Дилрабо Мансурӣ.

Таъкид шуд, ки ҳанӯз дар самти ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ мушкилиҳо ба назар мерасанд. Бештари онҳо дар ноҳияҳо ҷойгиранд ва масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо барои ҳифзи он бояд масъулият эҳсос намоянд, аммо на ҳамеша чунин аст. Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Ғиёсиддин Шарифзода аз вазъи ногувори баъзе ёдгориҳои кишвар нигаронӣ намуда, аз ҷумла гуфт: «Аз беаҳамиятии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо баъзан замини ёдгориҳо барои сохтмон ё замини кишт истифода мешаванд. Ҳоло Вазорати фарҳанг 3413 ёдгории таърихию фарҳангиро ба рӯйхат гирифтааст, аммо дар аксари шаҳру ноҳияҳо дар харитаҳои заминсозӣ ин ёдгориҳо ва мавзеъҳои муҳофизатии онҳо қайд нагардидаанд».

Маълум гардид, ки барои иҷрои «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025» бисту шаш миллиону ҳаштсаду сенздаҳ ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки пурра аз ҳисоби буҷети давлатӣ мебошад. Тибқи барномаи мазкур, солҳои 2021-2025 барқарорсозии 6 қалъа, 3 мақбара, шаҳрак, 2 масҷиди таърихӣ, мадраса, манора, дайри буддоӣ ва мавзеи тасвирҳои рӯисангӣ, ки дар маҷмӯъ 16 ёдгории меъморӣ-бостонӣ дар назар буд. Инчунин, корҳои лоиҳакашӣ ва бостоншиносӣ, сертификатсия, такмили ихтисоси мутахассисони соҳа, тарғиби мероси таърихию фарҳангӣ ва анҷоми баъзе корҳои муҳими дигар пешбинӣ гардидааст.

Қисме аз маблағҳои дар барнома пешбинишуда бояд аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо пардохт шаванд. Аммо аз гузориши муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Манучеҳр Шарифзода маълум гашт, ки аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба ин мақсад умуман маблағ ҷудо нашудааст.

- Солҳои 2021-2023 ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ 8745,0 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст. Бо сарфи маблағҳои зикршуда, аз ҷумла қалъаи Бешкент дар ноҳияи Носири Хусрав, масҷиди таърихии Шоҳи Хомӯш дар ноҳияи Муъминобод, шаҳраки Тахти Сангин дар ноҳияи Қубодиён, мақбараи Хоҷа Сангхок дар ноҳияи Варзоб, мақбараҳои Хоҷа Нақшрон 1 ва 2 дар шаҳри Турсунзода тармим гардиданд, - афзуд Манучеҳр Шарифзода.

Дар доираи барнома, ҳамчунин, ҳуҷраҳои мадрасаи Хоҷа Машҳад аз ҷониби олимону бостоншиносони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳафриёт ва барои аз нестшавӣ эмин нигоҳ доштан болопӯш гардид.

Солҳои 2022-2023 барои ҳифзи Қалъаи Данғара дар ноҳияи Данғара маблағ пешбинӣ гардида буд. Бо сабаби он ки иншооти мазкур дар ҳавлии истиқоматии сокинон ҷойгир мебошад, корҳо дар он оғоз нагардидаанд.

Лоиҳакашӣ ва бостоншиносӣ дар ёдгориҳои таърихии Золи Зар, Тахти Сангин, Қалъаи Ҳулбук, чашмаҳои Кӯлоб ва Хоҷа Нақшрон анҷом ёфта, иҳотаи қисми мавзеи Қалъаи Золи Зари ноҳияи Фархор идома дорад. Илова бар ин, дар масҷиди таърихии Дар-Дари ноҳияи Айнӣ барқарорсозии девори кандакорӣ ва наққошии шифти айвони он анҷом дода шуд.

Дар асоси банди 13-и барнома, барои иҷрои сертификатсия, банақшагирӣ, тайёр ва гузоштани нишонаҳо, таҳияи шиносномаи илмии ёдгориҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо низ вазифадоранд. Мутаассифона, ин банд то имрӯз аз ҷониби ягон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо иҷро нагардидааст. Ҳол он ки ба ин хотир масъулини Вазорати фарҳанг ба тамоми 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мактуб ирсол намуда буд.

Дар ҷаласа муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Аҳмадзода, низ маърӯза намуд. Пас аз музокира ва саволу ҷавоб қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул шуд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

Аз Паём то Паём

**Дар баробари дигар рӯйдоди фараҳбахш, шурӯъ аз соли 2000-ум дар мамлакат ироаи Паёми Президенти кишвар ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор ба ҳукми анъана даромад. Қобили зикр аст, ки аввалин маротиба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми апрели соли 2000 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд.**



**Темур САЛИМЗОДА, прокурори калони Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ТАҶАССУМГАРИ СИЁСАТ ВА СИМОИ ДАВЛАТ

Бегуфтугӯ, эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки кишвари мо дар ин самт бо қадамҳои устувор пеш рафта истодааст, қабл аз ҳама, ташаккули шохаҳои мустақили ҳокимият ва ниҳодҳои давлатии мутобиқ ба принсипҳои демократии давлатдориро тақозо менамояд. Имрӯз бо қаноатмандӣ метавонем изҳор намоем, ки дар даврони истиқлолият бо роҳбарии хирадмандонаю бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тавассути ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ заминаҳои мустаҳками давлатдории муосир фароҳам гардид.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияю созмонҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ салоҳияти истисноии прокуратура муқаррар гардидааст. Ба иборае дигар, таъмини қонунияту адолат, амният, сулҳу субот ва ризоият дар ҷомеа аз фаъолияти самараноки мақомоти прокуратура вобаста мебошад.

Соли 2018, зимни мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр карда буданд: «Кормандони прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҷассумгари сиёсат ва симои давлат мебошанд. Мардум аз рӯи рафтору кирдор, маҳорат ва сатҳи касбият, донишу маърифат, поквиҷдонӣ, маданияти муошират ва муносибати шумо ба уҳдадориҳои мансабӣ, инчунин, садоқат ба давлату миллат, ба сифат ва самаранокии хизмати давлатӣ баҳо медиҳанд».

Ифтихормандем, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ, дар маҷмӯъ, мусбат арзёбӣ намуда, барои таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддию техникӣ ва кадрии он тадбирҳои зарурӣ андешида истодаанд. Бамаврид аст ёдовар шавем, ки сохтори мақомоти прокуратура вобаста ба талаботи замон мунтазам такмил ёфта, дар Прокуратураи генералӣ як қатор раёсату шуъбаҳо ва сохторҳои нав, инчунин, Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандон таъсис дода шуд.

Вақтҳои охир дар бораи терроризм зиёд мегӯянду менависанд. Рӯзафзун гардидани дарки моҳияту хатари масъалаи мазкур ба авзои ҷаҳони муосир рабт дорад. Чанд сол қабл ҷомеаи Аврупо муътақид буд, ки онҳо аз терроризму террористон эминанд, вале сахт иштибоҳ карданд. Маҳз ба «шарофат»-и муносибати дуҳӯраи онҳо солҳои охир хатар ва таҳдидҳое, ки аз терроризму ифротгароӣ маншаъ гирифтаанд, бесобиқа доман паҳн намуда, фаъолияти созмону гурӯҳҳои террористию ифротгаро фаромарзию фаромиллӣ гардид.

Дар робита ба ин бамаврид аст, ки таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз Паёмашон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат (22-юми декабри соли 2017) иқтибос орем: «Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид карда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад. Зуҳуроти терроризм ба суботу амнияти кураи замин хавфу хатари бениҳоят зиёд дорад».

Гузашти вақти на он қадар зиёд собит намуд, ки муайяну мушаххас намудани принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм: мукаммал кардани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирӣ ва мубориза бо он, мавриди истифода қарор додани усулҳои наву муассири бартараф намудани оқибатҳои амали террористӣ бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ зарур ва ногузир аст.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм»: «терроризм ин мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад». Террорист бошад, шахси воқеӣ аст, ки дар амалӣ намудани фаъолияти террористӣ дар ҳама шакл иштирок менамояд ё мақсади иштирок дар фаъолияти террористиро дорад.

Президенти мамлакат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 20-уми апрели соли 2011 таъкид карданд, ки «фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, суд ва прокуратура бояд, пеш аз ҳама, ба таъмини амнияти миллӣ, волоияти қонун, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, терроризм, экстремизм, коррупсия, хариду фурӯши одамон ва таҳкими сулҳу суботи ҷомеа равона карда шавад. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, прокуратура ва судҳо бояд бо ахлоқи ҳамида, рафтору кирдор ва ватандӯстию ватанпарастӣ намунаи ибрати дигарон бошанд».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-уми январи соли 2016 ба Прокуратураи генералӣ супориш дода буданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020»-ро таҳия намояд.

Дар ин замина бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12-уми ноябри соли 2016 стратегияи зикршуда тасдиқ гардида, он мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян менамояд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудани «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб меравад.

Таҳия, қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (соли 2020) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» (соли 2021) низ ба ин ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз марбут аст.

Аз далелу рақамҳо бармеояд, ки терроризм ва ифротгароӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар ибтидои мавҷудияти инсоният зуҳур кардааст. Фарқият танҳо дар роҳу усулҳои содиршавии амалҳои террористӣ зоҳир мегардад. Дар маҷмӯъ, мақсади террористон эҷоди бесуботӣ, барангехтани низоъҳои миллию мазҳабӣ ва нажодӣ мебошад. Ба таъбири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «ҳаракатҳои террористӣ ҷараёни мушаххаси мақсадгузорӣ, омодасозии рӯҳиву равонӣ ва ҷисмониро дар бар мегиранд».

Муҳимияти масъалаи мазкур боис гардидааст, ки он давомдор бошад. Соли гузашта дар Паёмашон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад. Дар ин робита, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ вазифадор шуданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо масъалаи таъсиси маркази зикршударо омӯхта, пешниҳодҳоро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Прокуратураи генералӣ пешниҳодҳои худро манзур намуд ва 19-уми апрели соли 2023 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо ба сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Прокуратураи генералӣ илова карда шуд.

Мутаассифона, ҳоло низ баъзе шаҳрвандон хавфу пайомади терроризму экстремизмро пурра дарк накарда, ба он аз паси панҷа менигаранд. Маҳз муносибати дуюмдараҷа ба масъалаи мазкур боис гардидааст, ки имконияти фароҳамшуда аз ҷониби нотавонбинони давлат ва миллат суиистифода шуда, дар ин замина таассуб, хурофот ва ифротгароӣ ривоҷ ёбад. Ҳамватанонамон бояд дарк намоянд, ки ҳамкории самарабахши давлат ва ҷомеа дар мубориза бо терроризму экстремизм унсури муҳими таъмини субот ва рушди мамлакат буда, бетафовуту бетараф набудани ҳар кадоми мо зарур ва ногузир аст.

Дар маҷмӯъ, тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат аз ҷониби мақомоти прокуратура корҳои назаррас амалӣ шуданд. Ҷорӣ намудани тарзу усулҳои муосири фаъолият ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мутобиқ ба авзои сиёсии минтақа ва ҷаҳон, таҳким бахшидани ҳамкорӣ бо мақомоти идоракунии давлатӣ, бахусус, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва дар доираи ваколатҳои худ ба фаъолияти муътадили онҳо мусоидат намудан, тақвияти назорат оид ба иҷрои қонунҳо ва қонунӣ будани санадҳои ҳуқуқиро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, граждsuccessfullyнӣ ва иқтисодӣ, тавсеаи мубориза бо ҷиноятҳои иттилоотӣ, кибертерроризм ва ҷиноятҳое, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ содир мегарданд, аз ҳамон ҷумлаанд.

Илова бар ин, ҳамкорӣ бо мақомоти судӣ ҷиҳати иштироки саривақтӣ дар мурофиаҳои судӣ ва пешгирии кашолкорӣ дар баррасии парвандаҳои судӣ тавсеа ёфта, бо мақсади пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ ба корҳои пешгирикунандаю фаҳмондадиҳӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида истодааст.

23 декабри соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намуданд: «Кормандони мақомоти прокуратура чашми давлат мебошанд ва вазифадоранд, ки ҳамеша дар хизмати халқ бошанд, ҳама гуна камбудиву қонуншиканиро дар ҷомеа сари вақт ошкор ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо чораҷӯӣ намоянд».

Бо дарки масъулият метавон гуфт, ки маҳз сармашқи кор додани ин суханони пурҳикмат боиси боз ҳам беҳбуд ёфтани сатҳу сифати фаъолият ва тамоюли афзоишро касб намудани дастовардҳои кормандони мақомот гардидааст.

# Қарахон ЧИЛЛАЗОДА: «МЕКӮШЕМ ХУЛОСАИ ҲАР ЯК АУДИТРО ВОҚЕЪБИНОНА ВА БОМУВОЗИНА ПЕШНИҲОД НАМОЕМ»



**Аз замони таъсиси мақоми олии аудити мамлакат 12 сол сипарӣ гардид. Дар робита ба ин ва дигар паҳлуҳои умдаи фаъолияти ин ниҳод мусоҳибаи хабарнигорамон бо раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарахон Чиллазода пешкаш мегардад.**

**- Дар оғоз хуб мешуд, ки дар бораи таърихи таъсиси мақоми олии аудит каме маълумот медодед.**

- Таъсисдиҳии Палатаи ҳисоб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2007 оғоз гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назди гурӯҳи корӣ, ки дар ҳайати аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, вазифа гузоштанд, то ки стратегия ва нақшаи амалро оид ба таъсиси сохтори мустақили аудити беруна таҳия намояд. Сардори давлат таъкид намуданд, ки стратегия ва нақшаи амал бояд ҷавобгӯи меъёрҳои аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ қабулшуда, мутобиқи талаботи Созмони байналмилалии мақоми олии аудит (INTOSAI) муқарраркарда ва дар эъломияҳои Лима ва Мексика дар бораи мустақилияти мақоми олии аудит инъикосёфта бошад.

Ҳамин тариқ, стратегия ва нақшаи амал бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 тасдиқ шуда, сароғози марҳилаи омодагии ҳуқуқӣ ва институтсионалии зарурӣ барои таъсиси Палатаи ҳисоб гардид.

Моҳи майи соли 2011 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва баъди ҷонибдории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи июни соли 2011 онро имзо карданд, ки то нимаи соли 2023 мавриди истифода қарор дошт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 декабри соли 2011 қарор қабул намуд, ки он барои таъиноти кадрӣ ва ҷудо намудани дигар манбаъҳои зарурӣ барои фаъолияти Палатаи ҳисоб замина гузошт.

Соли 2012 барои фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талабот бино ҷудо карда шуд. Моҳи сентябри ҳамон сол Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадии раис ва муовини раиси Палатаи ҳисобро, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карданд, тасдиқ намуд ва баъди он, моҳи ноябри соли 2012 панҷ сараудитор бо расмиёти зикршуда таъин шуданд. Айни замон, теъдоди кормандони Палатаи ҳисоб 128 нафарро ташкил медиҳанд.

Моҳи июни соли равон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав қабул шуд, ки он фаъолияти мақомотро ба танзим медарорад.

**- Ваколати Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чӣ иборат аст?**

- Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мақоми олии аудит барои арзёбии идоракунии молиявӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар бахши давлатӣ ва пешниҳоди хулосаи мустақилона дар бораи истифодаи маблағҳои давлатӣ аз тарафи муассиса ва идораҳои бахши давлатӣ масъулиятро ба уҳда дорад.

Ваколатҳои амалкунандаи Палатаи ҳисоб дар моддаҳои 1 ва 7- и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2023) муфассал инъикос шудааст, ки 24 бандро дар бар мегирад. Аз ҷумла, ташхиси лоиҳаи буҷети давлатӣ ва бо тартиби муқарраргардида пешниҳод кардани хулосаи аудиторӣ ба он, аудити иҷрои буҷети давлатӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, арзёбии фаъолияти мақомоти андоз, гумрук ва мақомоти дахлдори дигар вобаста ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, аудити фаъолияти корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатӣ, ки маблағҳои давлатӣ, моликияти давлатӣ ва захираҳои давлатиро истифода намудаанд.

Мувофиқи моддаи 6-и қонуни зикршуда, Палатаи ҳисоб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи буҷети давлатӣ, ҳисоботи солонаи маҷмӯии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ ва идоракунии захираҳои давлатӣ, оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молияи давлатӣ ва буҷети давлатӣ маълумоти саҳеҳ ва беғаразона пешниҳод мекунад.

**- Робитаи мутақобилаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?**

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамоҳангии наздик ва ҳамкорӣ байни Палатаи ҳисоб ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ мекунад. Аз ин рӯ, Палатаи ҳисоб вазифадор аст, ки хулоса дар бораи лоиҳаи буҷети давлатӣ ва иҷрои онро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Бо назардошти вазифаи гузаронидани аудити беруна, ки нисбат ба истифода шудани воситаҳои буҷетӣ ва натиҷаҳои аз он бадастомада нигаронида шудааст, баррасии хулосаи Палатаи ҳисоб аз ҷониби ҳокимияти қонунгузорӣ бояд бештар бо таҳлили сиёсат, афзалиятҳо ва самаранокии хароҷотҳои маблағи буҷетӣ алоқаманд бошад.

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт бо Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, ки ба назорати парламентӣ ва идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад, робитаи корӣ дорад. Ин ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки бо натиҷаи кори аудиторҳо беҳтар шинос шуда, ба фаъолияти Палатаи ҳисоб эътимодро тақвият диҳад.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷагирӣ ва хулосаи аудиторҳо дар самти таъмини ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ нақши муҳимро иҷро менамояд.

**- Ҳамкориҳои байналмилалии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кадом сатҳ қарор доранд?**

- Палатаи ҳисоб сол то сол робитаҳои байналмилалиро густариш дода, барои устувор намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони байналмилалии мақоми олии аудит (INTOSAI), Ташкилоти осиёии мақомоти олии аудит (ASOSAI) ва ғайра саъй менамояд. Бо ин мақсад, бо ҳамтоён аз кишварҳои Федератсияи Россия. Қазоқистон, Молдова, Эрон, Хитой, Беларус, Покистон, Латвия, Ӯзбекистон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Арабистони Саудӣ Созишномаи ҳамкорӣ ва Ёддошти тафоҳум ба имзо расонидааст.

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 64-уми Шӯрои роҳбарон моҳи октябри соли 2013 дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин ба узвияти INTOSAI пазируфта шуд. Ташкилоти мазкур, ки Мақомоти олии назорати молиявии давлатҳои Созмони Милали Муттаҳидро ба ҳам пайваст менамояд, соли 1953 таъсис ёфта, айни замон 194 мақомоти олии назорати молиявӣ аъзои комилҳуқуқи он мебошанд.

Ғайр аз ин, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 47-уми Шӯрои роҳбарони Мақомоти олии назорати молиявӣ, ки моҳи сентябри соли 2014 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия баргузор гардид, ба узвияти ASOSAI (Ташкилоти байналмилалии Мақомоти олии назорати молиявии Осиё) пазируфта шуд. Он соли 1979 аз ҷониби мақомоти аъзо таъсис ёфтааст, ки ҳоло теъдоди онҳо ба 46 адад расидааст.

Инчунин, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 18-уми Шӯрои роҳбарони Мақомоти олии назорати молиявӣ, ки моҳи декабри соли 2013 дар шаҳри Теҳрон баргузор шуд, узви Ташкилоти байналмилалии иқтисодии Мақомоти олии назорати молиявӣ (ECOSAI) гардид.

Палатаи ҳисоб ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар доираи Шӯрои роҳбарони Мақомоти олии аудит (МОА)-и давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) роҳандозӣ намуда, солҳои 2020-2023 раёсати Шӯрои роҳбарони МОА-и ИДМ-ро ба уҳда дошт. Соли 2025 бошад, баргузории ҷаласаи Шӯрои роҳбарони МОА-и СҲШ дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе дар назар аст.

Ҳамкориҳои мунтазами мутақобила бо ташкилотҳои зикршуда ва мақомоти олии аудити дигар кишварҳо ба беҳтар гардидани самаранокии фаъолияти Палатаи ҳисоб мадад хоҳад кард.

**- Принсипҳои калидии фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон кадомҳоянд?**

- Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои вазифаҳо ва баланд бардоштани самаранокӣ, бо риояи принсипҳои мустақилият, садоқат, фаъолияти дастаҷамъона, эҳтиромгузорӣ, фикррониии стратегӣ, мубодилаи ошкори иттилоотӣ, касбият ва эҳтиром ба шахсият амал мекунад.

Мутобиқи «Стратегияи рушди Палатаи ҳисоб барои солҳои 2019-2023», калид барои ташаккули мақоми олии аудити босамар таъмини мустақилияти он мебошад.

**- Зимни фаъолияти аудиторон шаффофият чӣ гуна риоя мегардад?**

- Ба функсияи мақоми олии аудит таъмини шаффофият ва огоҳсозии ҷомеа аз натиҷаи аудит дохил мешавад. Бо ин мақсад, Палатаи ҳисоб дастурамал оид ба иртиботро таҳия карда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки онро дар амал татбиқ намояд. Бо воситаҳои ахбори омма низ робитаи доимӣ барқарор буда, дар сомонаи расмӣ оид ба натиҷаи фаъолият мунтазам иттилооти зарурӣ ҷойгир карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон китобхона амал мекунад, ки дар он дастрасӣ ба тамоми сарчашма ва стандартҳои касбии аудит, инчунин ҳисоботи дигар аудитҳо барои истифода ҳангоми зарурат таъмин аст.

**- Тайи дувоздаҳ соли фаъолият раванди муайян намудани қоидавайронкуниҳои молиявӣ ва маблағҳои барқароршуда чӣ гуна ҷараён дошт?**

- Соли 2013 маблағи қоидавайронкуниҳои молиявӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, 15,6 миллион сомониро ташкил дод. Аз он 2,4 миллион сомонӣ барқарор гардид, ки фоизи барқарорӣ 16 дарсадро ташкил дод. Соли 2022 маблағи қоидавайронкуниҳои молиявӣ 376,9 миллион сомонӣ ва маблағи барқароргардида 375,5 миллион сомониро ташкил дод. Яъне, фоизи барқарорӣ аз 16 фоизи соли 2013 ба 99,6 фоиз дар соли 2022 расид.

Тавре аз рақамҳо бармеояд, самаранокии фаъолияти мақомоти олии аудити кишвар торафт бештар мешавад. Ин, албатта, аз ҳар гуна ҷиҳат ба торафт баланд шудани малака, тахассус ва салоҳияти кормандон вобастагӣ дорад. Бинобар ин, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалигардонии фаъолияти доманадор стандартҳои миллии аудитро бо назардошти таҷрибаи пешрафтаи стандартҳои байналмилалии мақоми олии аудит таҳия ва ҷорӣ намуда, ҳамчунин тартиби банақшагирӣ ва омода намудани ҳисобот аз натиҷаи аудитро ба роҳ мондааст.

Тайи се соли охир дар фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти куллӣ ба амал баровварда шуда, дид, биниш ва нигоҳи кормандон аз низоми назорати молиявии замони шӯравӣ меросмонда дигаргун гардид ва рӯ ба аудити мустақили берунаи мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи замони муосир оварданд. Ҳамин тариқ, аз марҳилаи такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ то ба қисман рақамикунонии раванди аудити мустақил ба таври таҷрибавӣ ноил гардида, минбаъд нақшаи гузаронидани аудити фосилавиро роҳандозӣ менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26-уми декабри соли 2018 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд: «Ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳими фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад».

Бинобар ин, кормандони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру супоришҳои Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи фаъолияти ҳаррӯза қарор дода, кӯшиш мекунанд, ки хулосабарории ҳар як аудити гузаронидашударо воқеъбинона, одилона, созанда ва бомувозина пешниҳод намоянд.

**Мусоҳиб Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# АЗ ТОҶИК БУДАНИ ХУД ИФТИХОР ДОШТ

**Ҳанӯз аз аҳди қадим фарзонафарзандони миллати фарҳангпарвару тамаддунофари тоҷик роҳи маърифат ва илму донишро равшан карда, дар пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Душманону бадхоҳони миллати тоҷик дар замири нопоки хеш орзуи ғасби сарзамин ва маҳви илму фарҳанги онро парварида, барои пешрафти он монеа эҷод менамуданд.**

Хушбахтона, бо вуҷуди ноҷавонмардию хиёнат, халқи шарифи тоҷик ҳамеша аз хиради азалии хеш кор мегирифт. Дар саргаҳи ин раванд аз аҳди давлатдории Каёниёну Ҳахоманишиён, Сосониёну Сомониён, Саффориёну Тоҳириён, Ғуриёну Сарбадорон, Оли Курт то кунун шахсиятҳои миллатдӯсту меҳанпараст қарор доштанду доранд.

Пас аз Ҷанги якуми ҷаҳон, ки тақсимоти дигарбораи ҷаҳон оғоз шуд, барои аксар халқияту миллатҳо душвориҳои зиёд пеш омад. Аз ҷумла, Осиёи Марказӣ чун гавҳари кашфношуда ва дорои захираҳои бузурги табиӣ диққати тамоми абарқудратҳоро ҷалб намуд. Мисоли равшани инро дар Осиёи Марказӣ дар ҳузури сиёсӣ пайдо кардани пантуркистон ва ба ин марз интиқол додани ҷараёни пантуркизм, ки нимаи дуюми асри XIX дар Қрим таъсис ёфта буд, мушоҳида карда метавонем. Бисёр донишмандони аз нигоҳи этникӣ мутааллиқ ба миллати тоҷик чеҳра иваз карда, бештар аз бегонагон теша ба решаи худ заданд. Маҳз, бо сабаби хиёнаткории чунин нафарон миллати куҳанбунёди тоҷикро хатари пурра аз байн рафтан ва фарҳангу тамаддуни онро комилан маҳв шудан таҳдид мекард.

Дар ин марҳилаи ҳассос фарзонагони миллати сарбаланди тоҷик, ба монанди Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Чинор Имомов, Иброҳим Исмоилов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Саидаҳмад Анваров, Аббос Алиев, Абдуқодир Муҳиддинов (дар аввал пантуркист буд, бо фаҳмондадиҳиҳои аллома Айнӣ иштибоҳашро дарк кард ва ислоҳ шуд) ва дигарон бо далерӣ, ҷасорат ва шуҷоатмандӣ аз зуҳури хеш дарак доданд. Дар қатори ин ҷонфидоёни миллат ва таъсисгарони давлати навини Тоҷикистон ҷаҳду талошҳо ва заҳмату машаққати беназири фарзанди фарзонаи миллат Шириншоҳ Шоҳтемур бештар қобили ёдоварӣ ва шоистаи таҳсин аст.

Дар шароите ки душманони миллати мо афзалият дошта, аз нигоҳи низомӣ, сиёсӣ ва идеологӣ комилан мусаллаҳ буданд, масъалаи миллиро матраҳ кардан ниҳоят душвор буд. Дар он вазъияти мураккабу хатарзо баррасии масоили миллӣ, махсусан тоҷикият ва дифоъ аз арзишҳои миллӣ, ба баҳои ҷон баробар буд. Дар чунин шароит Шириншоҳ Шоҳтемур баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва бунёди давлати миллӣ талош варзид.

Ин марди далеру ҷасур ва таҳамтансирату қавиирода аз душманон заррае наҳаросида, чанде аз фаъолони сиёсии тоҷикро ҷамъ оварда мегӯяд: «Дар шароите ки пантуркизм ҳукмфармо аст, масъалаи миллиро ҳал кардан ниҳоят душвор, илова бар ин, мутаассифона, қисми равшанфикрони тоҷик тахти ин вабои мудҳиш сару ҳисобашонро гум кардаанд. Тақдири одамонро набояд як гурӯҳи одамони оҷиз ҳал кунанд. Онҳо ҳуқуқ доранд ҷумҳурии мухтори худро дошта бошанд, вазъияти ҳозира инро талаб мекунад. Мо ба ин ноил мегардем».

Ба ҳамин ҷаҳду талош Шириншоҳ Шоҳтемур ва фарзонагони ин миллат баҳри ташкили Тоҷикистон ва ба ин восита бароварда кардани орзуҳои чандҳазорсолаи миллати хеш камари ҳиммат бастанд ва дар ниҳоят худро қурбону миллати тоҷикро соҳибватан гардониданд.

Аз ин рӯ, барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ огоҳ будан аз зиндагӣ, фаъолияти давлатию сиёсӣ ва хидматҳои Шириншоҳ Шоҳтемур ҳам қарз асту ҳам фарз. Огоҳ будан аз паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ, кору пайкор ва хидматҳои мондагори саркардагони масири истиқлолу озодии миллат ва бунёдгузорони давлатҳои миллӣ, аз ҷумла Шириншоҳ Шоҳтемур, мояи ифтихор ва сарфарозӣ хоҳад буд. Фаъолияти давлатию сиёсии ӯ аз лаҳзаи фаъолият дар шуъбаи русии мактаби меҳнатӣ-педагогии шаҳри Тошканд оғоз меёбад, ки дар он ҷо ба узвияти Ҳизби коммунист (болшевикон)-и Россия пазируфта шуд. Моҳи майи соли 1921, бинобар нарасидани озуқа дар шаҳрҳои Туркистон, бо супориши Кумитаи иҷроияи марказӣ Шириншоҳ Шоҳтемур дар ҳайати 500 «донишҷӯи пролетарӣ» дар тақсимоти озуқавории волости Дилварзини Хуҷанд ширкат варзидааст. Пас аз чанде ӯро ба КИМ-и Туркистон даъват намуда, дар ҳайати сегонаи фавқулодаи ҳарбӣ-сиёсӣ барои барпо намудани Ҳокимияти шӯроҳо ҳамроҳи Т. Дяков ва Ҳ. Ҳусейнбоев ба Бадахшон (Помир) мефиристанд. То охири соли 1922 дар он ҷо кумитаҳои инқилобӣ таъсис дода мешавад ва пас аз бозпас хондани Т. Дяков ба Тошканд Шириншоҳ Шоҳтемурро раиси Кумитаи инқилобии Помир интихоб менамоянд. Дар баробари ташвиқи зарурати таъсиси кумитаҳои инқилобӣ дар Помир вай дар оғози фаъолият ба ислоҳоти замину об ва тақсими одилонаи он ба деҳқонон, таъсиси анборҳои захираи озуқа барои дастгирии камбағалон, ташкили мактабҳо барои маҳви бесаводӣ ва тайёр намудани кадрҳои маҳаллӣ шурӯъ менамояд.

Бо назардошти хизматҳои бенуқсон, дониши фарох ва малакаи баланди корӣ соли 1924 ба Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Туркистон даъват гардида, инспектори зершуъбаи ақаллиятҳои миллӣ дар шуъбаи тоҷикӣ таъин шуд. Марҳилаи нави фаъолияти сиёсии Шириншоҳ Шоҳтемур маҳз дар он ҷо оғоз меёбад. Ҳарчанд мақомоти ҳизбию давлатии ҷумҳуриҳои Туркистон – Бухоро ва Хоразм баҳри амалӣ кардани тақсимоти марзию миллӣ корҳои зиёди ташкилию фаҳмондадиҳӣ анҷом доданд, вале зимни шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо Шириншоҳ Шоҳтемур доир ба мавҷудияти миллати худ, ҳамчун халқи асосию таҳҷоии Осиёи Марказӣ, ҳатто ишорае ҳам пайдо накард. Чун шахсияти сар то по миллӣ буд, дарҳол дарк намуд, ки миллатгароён зери ниқоби сиёсати миллии ҳизб ва Ҳокимияти Шӯравӣ мақсади ташкил намудани давлати ягонаи туркиро дар Осиёи Миёна ба амал баровардаанианд.

Албатта, чунин муносибат нисбат ба тақдири миллат Шириншоҳ Шоҳтемури миллатдӯсту меҳанпарастро ором нагузошт. Ӯ дар баробари Нусратулло Махсум, Чинор Имомов, Иброҳим Исмоилов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Саидаҳмад Анваров, Абдуқодир Муҳиддинов ва равшанфикрони миллӣ ба воситаи мактубу муроҷиатнома ба унвони Бюрои осиёимиёнагии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Россия ва КИМ-и Туркистон эътироф намудани ҳуқуқу манфиатҳои миллии халқи тоҷикро қотеона талаб кард. Далели равшан ва раднопазири ин гуфтаҳо «Гузориш ба Сталин дар бораи мавқеи маданӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодии тоҷикон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» мебошад.

Сипас, солҳои 1925-1926 Шириншоҳ Шоҳтемур дар вазифаҳои корманди масъули Инспексияи коргару деҳқони Тоҷикистон, намояндаи ваколатдори КМ Ҳизби коммунисти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ва ҳамзамон, Комиссари халқии молияи Тоҷикистон, роҳбари комиссияи ҳукуматӣ оид ба муҳофизати аҳолӣ ва барҳам додани ҳаракати босмачигарӣ дар навоҳии минтақаи Кӯлоб фаъолият кард. Солҳои 1926-1929 намояндаи доимии Тоҷикистон дар Шӯрои комиссарони халқии Ӯзбекистон таъин гардида, дар як вақт чун шунавандаи Университети коммунистии меҳнаткашони Шарқ ба номи И.В. Сталин таҳсил намуд. Соли 1929 фавран ба Тоҷикистон даъват шуда, котиби аввали Кумитаи ҳизбии вилояти Тоҷикистон, пас аз ташкили Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон котиби дуюми Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон интихоб гардид. Соли 1932 барои такмили дониш ба шаҳри Москва меравад ва соли 1933 ба Тоҷикистон даъват гардида, то соли 1937 вазифаи раиси КИМ РСС Тоҷикистон ва ҳамзамон, яке аз муовинони раиси Комитети иҷроияи марказии Иттиҳоди Шӯравиро иҷро кард.

Ин роҳбари хирадманду донишвар дар бунёд ва кушодани мактабҳои шӯравӣ дар ҳама гӯшаю канори Тоҷикистони навташкил ташаббускори асосӣ буд. Маъхазҳои зиёди таърихӣ собит менамоянд, ки саволи аввалини Шириншоҳ Шоҳтемур зимни сафару вохӯриҳо «Шумо мактаб доред?» будааст. Ӯ ҳамчун роҳбари миллатдӯсту меҳанпараст ба хубӣ дарк мекард, ки рушди босубот ва ҳамаҷонибаи Тоҷикистон бе тарбияи кадрҳои болаёқату босаводи миллӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, таъсиргузор шудани сохти нав ва рушду пешрафти соҳаҳои фаъолиятро дар манотиқи мухталифи кишвар, пеш аз ҳама, дар маҳви бесаводӣ, бахусус, байни ташкилотҳои ҳизбӣ ва аъзои онҳо медид. Ӯ худ мактабшинос буда, аз 17 ҳуҷҷати расмии мавҷудаи шарҳиҳолиаш, дар 5-тояш касби хешро коргар, дар 6-тояш омӯзгор, дар 1 ҷой педагог ва дар 5-тои дигар корманди ҳизбӣ навиштааст. Бо назардошти касбият ва зарфияти дониш муддате роҳбарии ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба маҳви бесаводиро ба уҳда дошт.

Азбаски Шириншоҳ Шоҳтемур шахсияти миллатдӯст ва марди огоҳ буд, аз ин рӯ, ба ҳайси раиси комиссияи таҳия ва қабули Конститутсия, Нишон, Парчами давлатӣ фаъолияташ пурсамар буд. Ҳамчунин, ин дар саргаҳи ташаккули қонунгузории ҷумҳурӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳими дигар низ қарор дошт. Масъулият ва ҷуръати беандозааш буд, ки моҳи марти соли 1937 аз минбарҳои баланд ба муқобили вайронкунии қонуният, ҳуқуқи инсон ошкоро сухан кард ва беасос маҳбас шудани як қатор ходимони ҳизбию давлатиро маҳкум намуд.



Дар баробари ин, Шириншоҳ Шоҳтемур дар поягузории матбуоти тоҷик баробари устодони бузург Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Саидризо Ализода, Аббос Алиев ва Нисор Муҳаммад дар таъсис ва нашри аввалин рӯзномаҳо саҳми арзанда гузошт. Ҳамроҳи устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ дар соли 1934 ҷашни 1000-солагии достонсарои бузурги ҷаҳонӣ Ҳаким Фирдавсиро баргузор намуд, ки нишонаи баланди миллатдӯстию меҳанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги пурғановати хеш мебошад. Аз ин рӯ, дар таърихи бунёдгузорӣ ва пешрафти Тоҷикистони азизи мо Шириншоҳ Шоҳтемур аввалин фарзонафарзанди миллат аст, ки дар сатҳи олии сиёсӣ расман аз тақдири миллату меҳанаш дифоъ намудааст. Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фармудаанд, ки «аз тоҷик будани худ ифтихор дошт ва аз рушду нумӯи Ватанаш меболид».

Бо вуҷуди ин ҳама хидматҳои мондагор, ҷаҳду талошҳо дар роҳи эҳёи миллат ва бунёдгузории давлати миллӣ ин сарвари миллатдӯсту меҳанпараст ба гирдоби фитнаю дасисаҳои иғвогарону ҳасудхӯрон афтод ва бо ҷурми бофтаи «миллатчии буржуазӣ» ва «агентураи душман» аввал ба ҳабс ва сипас бо ҳукми Коллегияи ҳарбии Суди Олии ИҶШС ба қатл расонида шуд. Ҳарчанд, пас аз 19 соли ба шаҳодат расидан, 11 августи соли 1956 бегуноҳии Шириншоҳ Шоҳтемур собит гардид, вале сад афсӯсу дареғ, ки ӯ аз ноадолатиҳои таърих тарки ҷаҳон карда буд.

Хушбахтона, бо дамидани субҳи истиқлол ва вазиши сабои озодӣ миллати куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик дар соли 1991 ба Истиқлолияти давлатии комили сиёсӣ даст ёфта, зимоми давлатдориро шахсияти таърихсозу давлатсоз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст гирифтанд. Дар масири дигарбораи эҳёи таъриху тамаддун, илму фарҳанг, арзишҳо ва суннатҳои миллӣ, гиромӣ доштани хотираи неки фарзонафарзандони миллат қадамҳои комилан нав гузоштанд. Бо назардошти хидматҳои мондагору саҳми бузургаш дар ташкил ва ташаккули давлатдории тоҷикон фарзанди фарзонаи миллат – Шириншоҳ Шоҳтемурро соли 1999 бо ордени «Дӯстӣ» ва соли 2006 бо унвони олӣ – Қаҳрамони Тоҷикистон қадрдонӣ намуданд.

**Номвар ҚУРБОН,**
**Аълочии матбуоти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҲИЗБИ САОДАТГУСТАР

**Ғайрат АЗИЗЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 29 сол қабл Ҳизби халқии демократии Тоҷикистонро асос гузоштаанд, ҳамчун Раиси ҲХДТ дар рушду ташаккули минбаъдаи ин ҳизби сиёсӣ низ бо амалӣ кардани ғояҳои созанда нақши бузург доранд.**

Таъсиси ҳар ҳизби сиёсӣ тақозои замон аст. Агар аз ин нуқтаи назар мо таъсиси ҲХДТ-ро мавриди таҳлил қарор диҳем, воқеан, он дар даврае арзи ҳастӣ намуд, ки Тоҷикистон дар марҳилаи душвортарини таърихи худ қарор дошт. Ин айёми нооромию бетартибӣ ва зиддиятҳо, давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатии кишвар буд.

Давраи аввали ташаккули ҲХДТ аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз меёбад. Иҷлосияе, ки барои мардуми Тоҷикистон тақдирсоз буд ва роҳи рушду тараққиёти Тоҷикистонро барои давраҳои минбаъда муайян намуд. Қарорҳои иҷлосия дар барқарор намудани ҳукумати конститутсионии кишвар тахти сарварии Роҳбари ҷавону дурандеш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ояндаи Тоҷикистони навин нақши ҳалкунанда доштанд.

Охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон давраи таҳаввулоти бузурге буд, ки ҷомеаи моро тадриҷан ба бархӯрдҳои ҳамватанӣ ва низоъҳои минтақавӣ расонид. Баъд аз истиқлолияти давлатӣ ҳизбу ҳаракатҳои зиёд бар асоси арзишҳои динӣ, мазҳабӣ ва маҳаллӣ пайдо шуданд, ки қабл аз ҳама ба ваҳдати миллии тоҷикон зарбаи ҷонкоҳ мезаданд. Мухолифати нисбатан шадидтар дар заминаи ду идеология - коммунистӣ ва исломгароӣ сурат гирифт, ки ҳар ду бо ҳам комилан оштинопазир буданд.

Дар ҳамин ҳол зарурати таъсиси ҳизби наве, ки бояд арзишҳои дунявӣ ва динию мазҳабиро бо ҳам оштӣ медоду ҷавҳараш аз арзишҳои миллӣ ва башарӣ сарчашма мегирифт, ба миён омад. Пешвои миллат ин зарауратро сари вақт эҳсос намуданд ва барои бунёди як неруи тозаи сиёсии идеологӣ - Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) замина гузоштанд. Ин ҳизб, ки воқеан ҳам ифодагари армонҳои мардумӣ ва арзишҳои миллӣ буд, тавонист зина ба зина зимоми сиёсатро ба даст гирад, тахти роҳбарии асосгузори худ - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшида, барои шукуфоии Тоҷикистони биҳиштосо ва барои зиндагии шоистаи мардум хизмат намояд.

Ҳаёт ва таҷрибаҳо собит карданд, неруе ҳизбҳои сиёсие, ки мавқеи устувор надоранд ва ё фаъолияташон аз манфиатҳои гурӯҳҳои ҷудогона реша мегирад, ба зудӣ эътибору нуфузи худро аз даст дода, пароканда мешаванд. Нуфузу эътибори бесобиқаи ҲХДТ дар он ифода ёфтааст, ки фаъолияти он берун аз ин хусусиятҳост. Ин неруи сиёсӣ дастёбӣ ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати саросариро ҳадафи хеш қарор додааст.

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ҷиҳати рушди низоми қонунгузории кишвар, таҳкими рукнҳои давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳифзи сулҳу субот ва амнияти иқтисодии кишвар низоми ҳуқуқии давлатро дар доираи сиёсати ҳуқуқии ягона ва ҷавобгӯ ба манфиатҳои мардуми кишвар ва давлати Тоҷикистон такмил ва вусъат бахшида, дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Имрӯз мо фаъолияти нусратбахшу зафармандонаи Раиси ҲХДТ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин вазифаи пурмасъул дар ҳама самтҳои ҳаёти ҷомеа бо натиҷаҳои ҳайратангезу беназираш мебинем, эҳсос мекунем ва бо тамоми вуҷуд дарк менамоем, ки Сарвари давлати мо ҳақиқатан Президенти маҳбуби халқ ҳастанд, ки мардуми сайёра орзуи доштани чунин роҳбару роҳнаморо доранд.

Шоир Олимхон Исматӣ дар чор мисраи аввали шеъри «Зангӯлаи бедорӣ» ҷойгоҳ ва мақому манзалати ҲХДТ-ро дар ҷомеаи имрӯза хеле хуб тасвир намудааст:

**Мо зинда ба ин ҳизбем,**
**Ҷӯянда ба ин ҳизбем.**
**Яъне, на фақат имрӯз,**
**Оянда ба ин ҳизбем.**

Зикри вожаҳои «зинда», «ҷӯянда», «имрӯз» ва «оянда» бо такрори радифи «ба ин ҳизбем» басо бамаврид, ҷаззоб ва хушоҳанг садо дода, пеши хонанда манзараи ҳамоиши бузурги аъзои ҳизбро, ки бо иродаи қавӣ баҳри озодию ободӣ ва оромии Тоҷикистони маҳбуб аҳд намудаанд, тасвир намудааст. Дар ҳақиқат, бозтоби фаъолият ва нусратномаи ҲХДТ гувоҳи равшани он аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо муассиси асосӣ ва Раиси ҳизб, балки доҳии воқеии ин ҳизби роҳбару раҳнамои халқ мебошанд.

Ҳамин тавр, ҲХДТ ҳамчун неруи муқтадир ва созанда барои пешрафту шукуфоии Тоҷикистони азиз саҳми шоиста гузошта, давоми 29 сол ба ҳизби маҳбуби ҷомеа табдил шудааст, ки боиси ифтихору сарфарозии кулли аъзо ва ҷонибдорони он мебошад.

# ДАРАХТОНРО КӢ БОЯД ҲИФЗ КУНАД?



**Ҳар сол дар кишвар, хусусан пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе, фасли баҳор бо амали хайру савоб - шинонидани гулу дарахтон, ки шаҳрро ҳусн меафзояду ба саломатии сокинон мусоидат менамояд, оғоз меёбад.**

Имрӯз Душанбе бо ҷаҳду талошҳои Раиси он муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба шаҳри гулҳо табдил ёфтааст. Солҳои охир теъдоди боғҳои фарҳангию истироҳатӣ афзуда, дар фасли гармо канори роҳҳои нақлиёт ва атрофи биноҳои истиқоматӣ низ гулбоғҳоро мемонанд, ки табъи сокинину меҳмонон ва ҳар бинандаро болида мегардонанд. Аммо...

Ба ин аксҳо нигаред. Ин ниҳолҳои булут пас аз таъмир ва васеъ намудани роҳи нақлиётии хиёбони Саъдии Шерозӣ, дар маҳаллаи Яккачинор ва шаҳракҳои 12 ва 13-уми пойтахт, дар ду канори роҳ шинонда шуданд. Нархи ин ниҳолҳо хеле баланд аст, вале ин аксҳо гувоҳи онанд, ки баъзе аз ниҳолҳо аллакай хушкидаанд.Чунин дарахтони хушкидаро дар ҳар ду канори роҳ мушоҳида намудан мумкин аст. Ҷо-ҷо ниҳолҳои бурида низ ба назар мерасанд.

Дар қисмати Сирки давлатӣ то дарёи Душанбеи хиёбони Саъдии Шерозӣ ва кӯчаи Раҳмон Набиев - аз гардиши собиқ бозори Ҷал-Ҷам то Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ, ниҳолҳои кастона шинонида буданд. Дар ҳар ду минтақа қисме аз ин ниҳолҳо кайҳо бурида шуда, касе дар андешаи барқарор намудани ниҳолҳо нест. Ин дарахтонро кӣ бояд ҳифз кунад?

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

# ЧАРО СОҲИБКОР РОҲРО ОБОД МЕКУНАДУ РОНАНДАГОН ХАРОБ?

**Ба хотири нагузаштани мошинҳои гаронвазн, хусусан дар роҳи деҳаи Бахтободи деҳоти «Зиракӣ»-и шаҳри Кӯлоб, ки Корхонаи хонасозӣ ва ресандаи Кӯлобро мепайвандад, аломати махсус гузошта шудааст. Роҳи асосие, ки бояд мошинҳои гаронвазни «КамАЗ - дулан» - ҳо гузаранд, аз болои деҳа аст. Роҳи хубу ҳамвор ва асфалтпӯш. Мутаассифона, ин аломат нодаркор шудаю аз назари кормандони БДА дур мондааст? Ҳамарӯза аз ин роҳ садҳо мошини гаронвазн, ки 60 - 80 тонна ва аз ин ҳам зиёд бор доранд, мегузаранд.**



Аз ҳолати ҷойдошта муовини сардори Хадамоти танзим дар соҳаи нақлиёти минтақаи Кӯлоб Музаффар Султонов ва масъули Хадамоти танзим дар соҳаи нақлиёти шаҳри Кӯлобро огоҳ кардем. Баъд аз огоҳ шудан аз вазъияти ҷойдошта дар роҳи зикршуда як маротиба рейд гузаронида, ронандаи «КамАЗ», рақами қайди давлатияш 6088 РТ 03-ро, ки на иҷозатномаи боркашонӣ дошту на патент, ҷарима намуданд.

Масъули Хадамоти танзим дар соҳаи нақлиёти шаҳри Кӯлоб Музаффар Тағоев чунин гуфт: «Даҳҳо бор бо ронандагони мошинҳои гаронвазн ҳамсуҳбат шудем ва огоҳ кардем, ки ба роҳи асосӣ раванд. Ҳатто ҷарима намудем. Мутаассифона, аҳвол чунин аст.

Ҳамарӯза бо ин роҳ хонандагони МТМУ №36, хусусан синфҳои ибтидоӣ, ба мактаб мераванд. Сару рӯй ва либосашон пур аз чангу хок мешавад.

Бояд ёдовар шуд, ки аз сангфарш кардани ин роҳ аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ як сол ҳам нагузаштааст. Ҳоло бошад, аз сабаби рафтуомади зиёди мошинҳои гаронвазн роҳи мазкур валангор шудааст. Чӣ гуна метавон бо чунин ҳол кӯчаю маҳаллаҳоро обод кард, вақте соҳибкор роҳ обод мекунаду ронандагон онро хароб? Кӣ бояд пеши роҳи ин ронандагонро гирад?

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ГӮСФАНДИ ҲИСОРӢ – КАЛОНТАРИН ЗОТ ДАР ҶАҲОН

**Чанде пеш дар деҳоти «Сомонӣ»-и шаҳри Ҳисор дар шафати шоҳроҳи Душанбе Турсунзода маросими пардабардорӣ аз рӯи пайкараи рамзии «Гӯсфанди ҳисорӣ», ки сохтмони он бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор роҳандозӣ шудааст, баргузор гардид.**

Раиси шаҳри Ҳисор Қосим Роҳбар меҳмононро хайра мақдам гуфта, зикр намуд, ки бо ташаббус ва пешниҳодҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меросҳои моддию фарҳангии зиёди халқи тоҷик, ки аз ниёгон ба мо мерос мондааст, ба Феҳристи ташкилотҳои ҷаҳонию байналмилалӣ ворид гардидаанд. Гӯсфанди зоти ҳисорӣ низ аз ҷумлаи меросҳое маҳсуб меёбад, ки дар идоракунии захираҳо ва таъмини амнияти озуқаворӣ дорои аҳамияти ҷаҳонӣ мебошад.

Ӯ, аз ҷумла, иброз намуд, ки бо иқдоми Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми майи соли равон дар шаҳри Ҳисор семинари минтақавӣ дар мавзӯи «Гӯсфанди зоти ҳисорӣ: ҳолат ва дурнамо» доир шуда, олимону мутахассисони соҳа иштирок ва назару андешаҳои хешро баён доштанд. Семинар - машварати минтақавӣ дар самти рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, ба яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи чорводорӣ, парваришу афзоишдиҳии гӯсфандони дорои нишондиҳандаҳои баланди маҳсулнокӣ ва сифатҳои зотӣ-гӯсфанди зоти ҳисорӣ бахшида шуда буд.

Дар чорабинии мазкур олимони соҳа оид ба таърихи пайдоиш, дастовардҳои илмию истеҳсолӣ, рушди минбаъда, хусусиятҳои маҳсулнокии типи «шаҳринавӣ»-и гӯсфандони зоти ҳисорӣ, усулҳои такмил додани маҳсулнокии типи «фархорӣ»-и гӯсфандони зоти ҳисорӣ маърӯза карда, аз ҷумла, зикр намуданд, ки дар кишвари мо асосан селексияи мардумӣ шуҳрат дошта, шахсоне, ки ба ин кор машғул буданд, дар тӯли солҳои зиёд зотҳои беҳтарини чорворо ба вуҷуд оварданд. Зоти гӯсфандони ҳисорӣ, ки калонтарин гӯсфанд дар ҷаҳон эътироф шудааст, маҳсули селексияи мардумӣ мебошад ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои чорводорӣ, нигоҳ доштани зотҳои маҳаллии чорво, аз ҷумла гӯсфанди ҳисорӣ, таваҷҷуҳи хос дошта, олимони соҳаро ҷиҳати такмил додани хусусиятҳои ирсию маҳсулнокии ин зоти чорво пайваста ташвиқ менамоянд.

Тибқи маълумоти оморӣ, ҳоло дар Тоҷикистон саршумори зоти гӯсфандони ҳисорӣ 1,7 миллион сарро ташкил дода, ба парвариши ин зоти машҳур дар ҷумҳурӣ 7 заводу хоҷагии зотпарварӣ машғуланд. Ин зоти гӯсфанд аз рӯи нишондоди вазни зинда дар ҷаҳон калонтарин дониста шудааст ва минтақаи парваришу афзоишдиҳии зоти ҳисорӣ танҳо дар Тоҷикистон маҳдуд нест. Давоми солҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гӯсфанди зоти ҳисорӣ ба ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Украина ва Беларус интиқол шуда, мавзеи парвариши онҳо торафт васеъ мегардад. Нақши гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар такмилдиҳии маҳсулнокии гӯсфандони зоти думбадор ва ба вуҷуд овардани зотҳои нав дар Осиёи Марказӣ хеле калон мебошад.

Рӯзҳои 28-29-уми июли соли 2023 бо ибтикори Вазорати кишоварзӣ ва Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо гурӯҳи шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» ва мавзеи Хоҷа Сангхоки Ҷамоати деҳоти «Зидеҳ»-и ноҳияи Варзоб бо иштироки мутахассисони соҳаи чорводорӣ аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Беларус, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, давлати Канада ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар мавзӯи «Дастовардҳои селекционӣ оид ба такмили гӯсфанди зоти ҳисорӣ ва нақши он дар офаридани зоту типҳои нав» конференсияи байналмилалии илмию амалӣ доир гардид.

Дар рӯзи аввали кори конференсия олимон ва мутахассисони соҳаи чорводорӣ оид ба роҳҳои рушд додани парвариши гӯсфандони думдор, бахусус оид ба вазъи имрӯзаи гӯсфанди зоти ҳисорӣ дар Тоҷикистон ва дигар давлатҳои минтақа ва ҷаҳон, мубодилаи афкор карда, дар доираи ҳамкорию шарикиҳои байналмилалӣ, таҷрибаи пешқадами илмӣ, васеъ намудани минтақаи парвариш, беҳтар намудани сифатҳои ирсӣ, маҳсулнокӣ ва афзоиш додани шумораи онро тасмими оқилона ва ба манфиати мардумони кишварҳо арзёбӣ намуданд.

Конференсия дар мавзеи Хоҷа Сангхоки ноҳияи Варзоб идома ёфта, иштирокчиён бо дастовардҳои селекционии олимони тоҷик, инчунин зотҳои ҳисории типи «фархорӣ», «шаҳринавӣ» ва намудҳое, ки бо усулҳои халқӣ такмил ёфтаанд, шинос гардиданд. Идеяи гузоштани пайкараи рамзии «Гӯсфанди ҳисорӣ» дар ҳудуди ватани аслиаш - водии Ҳисор зимни андешаронии олимон тавлид шуд. Пайкараи рамзии «Гӯсфанди ҳисорӣ», ки дар асрҳои VI мелодӣ бо усули селексияи халқӣ офарида шудааст, дар ҳамин водӣ гузошта шуд.




Дар идомаи суханрониҳо муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Машокир Назарзода, ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон Усмон Маҳмадёрзода, собиқадори соҳаи чорводорӣ, собиқ директори Хоҷагии зотпарварии «Ҳисор»-и ноҳияи Фархор Турдиҷон Ораев аз иқдоми шоистаи раиси шаҳри Ҳисор Қосим Роҳбар изҳори қаноатмандӣ карданд.

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

